# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи “Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Мубрамияти мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯй дар рушду пешрафти илми педагогикаи ватанӣ, бахусус педагогикаи махсус, саривақтӣ маҳсуб меёбад. Ин ибтикорот ва ташаббуси муаллифи диссертатсия дар марҳилае ба таҳқиқ расид, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоса, Президенти кишвар, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомали Раҳмон ба таълиму тарбияи соҳаи маориф пайваста таваҷҷӯҳ ва мароқи комил зоҳир карда, аз ҷумла қайд карданд: “Вақте мо дар бораи тарбияи насли наврас мегӯем, набояд фаромӯш кунем, ки онҳоро бояд дар муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизотҳои муосир, аз ҷумла компютерҳо таъмин намоем”.

Оид ба муҳиммияти мавзӯи диссертатсионӣ як силсила санадҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олӣ, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли он шаҳодат медиҳад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажуҳиш ва дурнамо проблемаҳои дастгирии иттилоотӣ-компютерӣ ва тағйироти таҷрибавӣ, таҳлилу

ташкили масъалаҳои копютеркунонӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир, бахусус дар муассисаҳои томактабии махсус руҷӯъ намуда, асосҳои илмӣ ва бунёдии проблемаи вобаста ба татбиқи барномаву технологияҳои компютериро дар раванди таълими ихтисоси дефектологияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ роҳандозӣ кардааст.

Дар ин замина, унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки ҳини омӯзиши проблемаи илмӣ бартарии истифодаи барномаву технологияи компютериро дар заминаи тадбирҳои муътамди даврони муосир роҳандозӣ намояд, зеро мувофиқи консепсияи ҷадиди муносибати босалоҳият ба таълим вазифаи асосӣ дар раванди таҳсил на интиқол додани миқдори муайяни дониш, балки таъмини фаъолмандии маърифатӣ-зеҳнӣ дар муҳити коммуникативӣ-иттилоотӣ бо дарназардошти татбиқи технологияи навин, омода кардани донишҷӯ-дефектолог ба дарёфт, коркард ва пешниҳоди маълумоти фарогир, нерӯмандии эҷодии ҳар як муҳассили макотиби олӣ мебошад.

Муаллиф комилан дуруст қайд мекунад, ки воридсозии комилан мувофиқи барномаву технологияи компютерӣ ба ҷараёни таълим метавонад дараҷаи ташаккули маҳорату малакаи касбии хатмкунандагони ихтисоси логопеди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар ҷараёни кор бо кӯдакони нуқсони нутқдоштаи синни томактабӣ таъмин намояд.

Дар рисолаи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович таҳия ва коркарди барномаи таълимии махсус барои мутахассис-логопед ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқдоштаи синни томактабӣ аз падидаҳои навини таълим дар ин самт зуҳур меёбад. Он ҳамчун воситаи иловагӣ бо барномаҳои мобилӣ ва дастрасии Интернет робитаи қавӣ дошта, ба донишомӯз дар самти дастрасӣ ба маводи таълим ва фазои иттилоотию маълумотӣ роҳи васеъ мекушояд.

Натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш, аз ҷумла, такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва

таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола асоснок мегардад.

Навгонии илмии тадкикот дар он аст, ки бори аввал раванди ташаккули пойгоҳии қисмати асосии фаъолияти касбии донишчу-логопед дар самти маҳорати таҳлил ва гурӯҳбандии нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз барнома ва технологияҳои компютерӣ пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин барномаи намунавии компютерӣ дар ин самт коркард шуда (тасвирӣ-намоишӣ, таълимӣ ва ғ.), ба воситаи озмоиши босифат дар ҷараёни ташаккули салоҳиятнокии касбии донишҷӯ – логопед дар низоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқдоштаи синни томактабӣ собит гардидааст.

Арзиши назарӣ ва амалии рисола дар он аст, ки муаллиф масъалаи ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабиро ҳамчун заминаи асосии кор тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, дар ин росто ташхиси сатҳи салоҳияти касбии донишҷӯ-логопедро ба маркази диққат ва фаъолияти мутахассиси ин соҳа муфид мешуморад.

Дар рисола зимни баррасии масъалаи ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ маводи зиёди назариявӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор ёфта, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нақш ва мақоми техникаю технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ дар самарабахш шудани фаъолияти таълимӣ арзёбӣ шудааст.

Зимни омӯзиш ва таҳлили рисолаи илмии Ҳақназаров Толибҷон Мехриддинович муайян карда шуд, ки муаллиф мувофиқи хадафҳои гузошта назари бодиққат ба андешаю ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ намуда, дар асоси маводи таҳлилшуда ислоҳи нуқсонҳои нутқи

кӯдакони синни томактабиро тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ коркард ва татбиқ менамояд.

Муаллиф муҳимияти ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабиро дар шароити кунун ба сифати гузориш ва ҳалли масъалаи педагогӣ гузошта, дуруст қайд мекунад, ки ҷомеаи муосир дар назди донишҷӯ-логопед вазифаи ҷиддӣ мегузорад, ки вай тавонад ба шароити таҳаввулпазири ҳаёт устуворна қадам гузорад, донишҳои заруриро аз худ карда, дар амалия истифода намояд. Аз ин лиҳоз, ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, мубрамияти проблемаи таҳқиқотро пурра собит менамояд.

Рисола тибқи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ таҳия шуда, он аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса, руйхати адабиёти истифодашуда ва замима мураттаб ёфтааст. Дар муқаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ фасеҳ ва комил муайян карда шудааст.

Дар қисмати муқаддима талабот доир ба иҷрои кори таҳқиқотӣ риоя гардида, ҳар бахш бо низоми муайян пай дар пай оварда шудааст.

Ба андешаи муаллифи рисола масъалаи ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун заминаи боэътимоди ташаккули нутқи кӯдакон рӯйнамо ёфта, истифодаи технология ва барномаҳои компютерӣ мавриди эътибори махсус қарор ёфтааст.

**Боби якуми диссертатсия** "Заминаҳои назариявӣ-педагогии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ дар таълими кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ" аз се фасл иборат буда, ҷанбаҳои назариявӣ-педагогии истифодаи технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ дар таълими кӯдакони нуқсони нутқдошта, таснифоти психологӣ-педагогӣ ва нуқсони нутқии алалия дар кӯдакон ҳамчун объекти педагогӣ-психологӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф дар ин

боб муайян намудааст, ки рушди психологии кӯдакони дорои нуқсони нутқ дар шароити махсуси робитаи онҳо бо муҳити беруна сурат мегирад. Табиист, ки аз муошират дур мондани марказҳои эҷоди нутқ метавонад боиси суст инкишоф ёфтани органҳои нутқ мегардад, ки бо ҳам зич алоқаманданд.

Таснифу таҳлили тиббӣ, психологӣ-педагогӣ ба мутахассис имкон медиҳад, ки нуқсонҳои нутқро дар робита бо сабаб ва омилҳои ғайримуқаррарӣ муайян намояд ва таъсири мусбии усулҳои логопедиро бо баҳисобгирии хусусиятҳои инфиродии кӯдак ба роҳ монад.

Дар диссертатсия собит шудааст, ки дар кӯдакони хурдсол захираи луғавӣ, тасаввурот дар бораи муҳити атроф маҳдуд буда, дар нутқи онҳо калимаҳои ба мавзуъҳои ҳаррӯзаи маишӣ бахшидашуда нисбатан бештар истифода мегардад. Аз нуқтаи назари психологӣ дар хурдсолон тафаккури аёнӣ - амалӣ ва аёнӣ - образӣ нисбат ба тафаккури мантиқӣ бартарӣ дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит кардааст ки ҳар қадар кӯдак хурд бошад, ҳамон қадар дар ӯ бештар тасаввуроти фикрӣ нигоҳ дошта мешавад, ноқисии фикрӣ бошад, зери нуқсонҳои нутқӣ пинҳон мемонад.

Аз ҷониби муаллифи рисола муайян карда шудааст, ки дар соҳаи таҳсилоти олии дефектологӣ то ба имрӯз таҳқиқотҳои назариявию озмоишӣ, ки ба омӯзиши имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълими фанҳои касбӣ, аз ҷумла логопедия, равона шудаанд, қариб ки мавҷуд нестанд. Набудани усули ягонаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими донишҷӯёни ихтисосҳои дефектологӣ, аз ҷумла логопедӣ, гузарондани таҳқиқотҳои илмиро дар ин самт маҳдуд месозад.

**Боби дувуми диссертатсия** – “Шароитҳои озмоиши истифодаи технологияҳои компютерӣ дар корҳои ислоҳӣ-логопедӣ бо кӯдакони нуқсони нутқдоштаи синни томактабӣ” иборат аз мақсад ва вазифаҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ дар раванди корҳои ислоҳӣ-педагогӣ, барномаҳои компютерӣ ва тарзи истифодабарии онҳо дар таълими кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ дар

мисоли алалия, машқҳои махсус барои талаффуз ва нутқи ғайришифоҳӣ, натиҷаҳои кори озмоишӣ мебошад. Ин боб низ аз се фасл иборат буда, дар он зарурати коркард ва тарзи истифодаи барномаҳои компютерӣ ва тарзи истифодабарии онҳо дар таълими кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқдошта дар мисоли алалия ба миён гузошта шудааст.

Боиси зикр аст, ки дар ин боб аз ҷониби муаллифи рисола бори нахуст коркард ва тарзи истифодаи барномаи логопедии компютерии "Заргӯши доно", "Қасри офтобӣ" ба миён омадааст. Натиҷаи таҳқиқот дар ҷадвал, расм, диаграмма дарҷ гардида, барномаи мазкур ба раванди озмоиши кӯдакони нуқсони алалиядоштаи синни томактабии Маркази офиятбахшии "Инсайд (10 нафар) ва Ташкилоти ҷамъиятии "Чашмаи Умед" (10 нафар) ворид шуда, роҳу усули бартараф кардани нуқсонҳои нутқ ҳангоми дизартрия, дислалия, ринолалия, лакнатзабонӣ, нуқсонҳои дуюмдараҷаи нутқ пешниҳод шудааст.

Таҳлили проблема ва натиҷаҳои ба даст омада собит мекунад, ки технологияҳои иттилоотию компютерӣ воситаи беназири таъсиррасонӣ ба психика ва шуури шахсияти инкишофёбандаро маҳсуб меёбанд. Дар ин росто барномаҳои компютерии оддӣ ва нисбатан мураккаб таҳия ва пешбинӣ шудаанд, ки барои кӯдакони ниёз ба гуфтор ва нутқи саҳеҳ мусоидат мекунанд.

Муаллиф дар раванди таълими озмоишӣ аз барномаи компютерии «Заргӯши доно» ва методикаҳои анъанавӣ истифода карда, собит мекунад, ки технологияҳои мултимедиро ҳар чи бештар дар радифи воситаҳои босамари рушд ва тарбияи кӯдакон ба ҷараёни кори ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакони зинаи томактабӣ дохил кардан зарур аст, зеро истифодаи мунтазами воситаҳои мултимедӣ дар ҷараёни таълим дар мувофиқат бо усулҳои анъанавии таълим ба омили муҳими такмили инкишофи зеҳнӣ ва эмотсионалии кӯдак, тақвиятдиҳандаи инкишофи қобилиятҳои эҷодии ӯ шуда метавонад.

Дар рисола фарзияи таҳқиқот вобаста ба таҳия, коркард ва воридсозии барномаҳои компютерӣ ба раванди таълим ва омодасозии касбии донишҷӯ-логопед дар раванди кор бо кудакони нуқсони нутқдоштаи синни томактабӣ собит гардида, татбиқи комили худро пайдо кардааст.

Дар қисмати ҷамъбастии диссертатсия аз ҷониби муаллиф тавсияҳо ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқот пешниҳод шудааст. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки таҳқиқотҳои минбаъда оид ба ислоҳи нуқсонҳои нутқи кудакони томактабӣ бо истифода аз барномаву технологияҳои компютерии таълимӣ ва фароҳам овардани шароитҳои психологию педагогӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ бояд ҳаллу фасл гардад.

**Эродҳо оид ба кори таҳқиқотӣ**

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар рисола хуб мебуд агар вазъи кунунии кор бо кудакони синни томактабӣ дар самти сабабҳои асосии мавҷуд будани нуқсонҳои нутқи онҳо шарҳу эзоҳ меёфт. Аз ҷумла, мавриди таҳлил қарор додани фаъолияти муҳассилини факултети логопедияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, тавсифу амалисозии таҷрибаи пешқадами ин риштаи таҳсилот аз аҳамият холӣ намебуд.

2. Дар рисола бештар иқтибосҳо аз таҳқиқоти олимони хориҷи кишвар оварда шудааст. Хуб мебуд агар муаллиф ба таҳқиқоти олимони ватанӣ низ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир мекард.

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва фишурдаи он хатоҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки дар оянда ба назари эътибор бояд гирифт.

4. Номи мавзӯи диссертатсия ба таҳрири мантиқӣ ниёз дорад. Таклифи мо: "Ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ".

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон

Меҳриддиновичро дар ҳудуд ва миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои зарурирo ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти масъалаи гузошташуда дар робита бо истифодаи технологияи компютерӣ ҳангоми корҳои ислоҳӣ бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ муваффақ шуда, онро дар сатҳи муайян ба анҷом додааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот дар робита ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажуҳиш, таҳлили натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ сурат гирифта, андешаҳои дар фарзия ва ғояи пешбаранда ба миён гузошташуда тасдиқ ёфта, тафтиши маводҳои озмоишӣ, таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагоғии муаллифи рисола хуб асоснок шудаанд.

Автореферат, китобу дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавоии асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пурра мувофиқат мекунад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи "Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия), таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ муосир мебошад.

Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 31 ва 33-и

“Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30–уми июни соли 2021 тасдиқшуда ҷавобгӯ пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи забоншиносии умумӣ ва
типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор **Негматов Садуллоҷон Эргашевич**

31.08.2023

Маълумот барои тамос:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992) 918506318.
E-mail: snegmasi@rambler.ru

Имзои С.Э. Негматовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавкиев Э.